# ЗАБОНИ ТОҶИК

**1.** Калимаҳое, ки решаи якхела доранд, чӣ хел калима ном доранд?

A) *калимаҳои мураккаб*

B) *калимаҳои таркибӣ*

C) *калимаҳои ҳамреша*

D) *калимаҳои содда*

**2.** Бандаки изофӣ калимаҳоро ба ҳамдигар алоқаманд намуда чӣ месозад?

A) *ҷумлаи мураккаб* B) *ҷумла*
C) *ибора* D) *таркиб*

**3.** Ҳиссаи номустақили нутқ буда, дар ибораю ҷумла муносибатҳои гуногун, яъне амали ба предмет нигаронидашударо аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳанд, чӣ ном доранд?

A) *пасояндҳо* B) *ҳиссачаҳо* C) *нидо*
D) *пешояндҳо*

**4.** Аломати шартии мубтадоро нишон диҳед.

A) *як хати рост* B) *тире-тире*
C) *ду хати рост* D) *хати мавҷнок*

**5.** Овозҳои нутқ ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?

A) *садонок ва ҳамсадо*

B) *баланд ва паст*

C) *дароз ва кӯтоҳ*

D) *ҷарангдор ва беҷаранг*

**6.** Калимаҳои, ки аз як реша сохта шудаанд, чӣ гуна калимаҳо мебошанд?

A) *калимаҳои наздикталаффуз*

B) *калимаҳои хамреша*

C) *калимаҳои ҳаммаъно*

D) *калимаҳои зидмаъно*

**7.** Феъл чанд асос дорад?

A) *2* B) *4* C) *3* D) *1*

**8.** Дар кадом хели ҳиҷо садоноки **"у"** моили ихтисоршавӣ аст?

A) *дар ҳиҷои заданок* B) *дар ҳиҷои безада*
C) *дар ҳиҷои баста* D) *дар ҳиҷои кушода*

**9.** Калимаҳое, ки маънои луғавӣ надоранд ва ба савол ҷавоб намешаванд, кадом гурӯҳи калимаҳоро ифода мекунанд?

A) *калимаҳои якмаъно*

B) *калимаҳои зидмаъно*

C) *ҳиссаҳои ёвари нутқ*

D) *ҳиссаҳои мустақили нутқ*

**10.** Дар кадом хели ҷумла фикр ва мақсади гӯянда ба тариқи пурсиш ифода меёбад?

A) *ҷумлаи амрӣ*

B) *ҷумлаи саволӣ*

C) *ҷумлаи ҳикоягӣ*

D) *ҷумлаи хитобӣ*